ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи "Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 – Рӯзноманигорӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо кишвари дорои захираҳои назарраси об, балки кишвари ташаббускор дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Аммо агар ин мавзуъ ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ ва инъикос шавад, матбуот ба яке аз воситаҳои калидии маърифатсозии экологӣ ва мустаҳкам кардани мавқеи байналмилалии кишвар табдил меёбад.

Аз ҳамин ҷиҳат, таҳқиқи гуфтумони расонаии дипломатияи об ва инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик муҳим буда, аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ арзишманд мебошад. Таҳлили эволютсияи экожурналистика нишон дод, ки ин самт аз марҳилаи ибтидоии тасвирии табиат ба марҳилаи таҳлилӣ ва стратегӣ гузаштааст. Агар дар марҳилаҳои аввал масъалаҳои экологӣ бештар ҳамчун як мавзуи иловагӣ дар ВАО баррасӣ мешуданд, дар шароити кунунӣ онҳо ба яке аз самтҳои афзалиятноки рӯзномаи расонаӣ табдил ёфтаанд.

Дар муқаддима оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Назария ва методологияи инъикоси масъалаҳои экологӣ ва дипломатияи об дар ВАО»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввал «Эволютсияи экожурналистика ҳамчун самти махсуси фаъолияти эҷодӣ» буда, дар он марҳилаи ташаккули экожурналистика баррасӣ гардидааст. Дар марҳилаи аввали ташаккули экожурналистика, ки онро метавон марҳилаи «огоҳсозии ибтидоӣ» номид, асосан нашрияҳои илмӣ ва маҷаллаҳои махсус ба масъалаҳои муҳити зист таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд, ки ин дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Вижагиҳои жанрӣ ва муҳтавоии инъикоси ташаббусҳои глобалии ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик”** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад.

Таҳлили жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ аҳамияти методологӣ дорад, зеро он нишон медиҳад, ки расонаҳо танҳо воситаи интиқоли хабар нестанд, балки майдони шарҳ, арзёбӣ ва фаҳмондани равандҳои муҳими иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологӣ низ ба шумор мераванд. Аз ҳамин нуқтаи назар, муқоисаи жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ ҳангоми инъикоси масъалаҳои дипломатияи об ва ҳифзи пиряхҳо имкон медиҳад, ки дараҷаи воқеъбинӣ, амиқӣ ва таъсиргузории маводи расонаӣ муайян карда шавад.

Боби сеюми диссертатсия **«Мушкилот, тамоюлҳо ва дурнамои тақвияти гуфтумони расонаии ҳифзи пиряхҳо»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Журналистикаи экологӣ, бахусус, дар бахши ҳифзи пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим, на танҳо дониши умумии рӯзноманигориро талаб мекунад, балки доираи муайяни донишҳои байнисоҳавиро низ пеш мегузорад.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода метавон хулоса кард, ки экожурналистика дар шароити муосир ба яке аз самтҳои муҳиму зарурии фаъолияти расонаӣ табдил ёфта, аз доираи иттилоотрасонии анъанавӣ берун рафта, ба воситаи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, ташаккули фарҳанги экологӣ ва ҳатто ба равандҳои сиёсӣ мубаддал гардидааст. Ҷиҳати дигари аҳаммияти амалӣ дар он аст, ки таҳқиқот метавонад барои ниҳодҳое, ки дар ташаккули сиёсати иттилоотии экологӣ ва таблиғи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон фаъоланд, заминаи корӣ фароҳам оварад.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант аз масъалаи таҳқиқшаванда мантиқан дуруст ва далелнок буда, кори анҷомёфта ва масоили дар он баррасишаванда ба шиносномаи ихтисоси 6.2.22 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ аст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

Албатта, камбудии ҷойдошта ислоҳшаванда буда, моҳияти илмии диссертатсияро коста намегардонад.

Авторефератӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ мураттабгардида мазмуну муҳтавои диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи “Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо”-ро пурра инъикос менамояд. Диссертатсия таҳқиқоти

мукаммали баанҷомрасида маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
адабиёт ва рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Данғара Олимиён Сабрина Шамсулло

«13» ноябри 2026 с.

Имзои номзади илмҳои филологӣ,
Олимиён С.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25
E-mail:ddd-ilm@mail.ru

«13» ноябри 2026 с.